# 21055 - Хилват (ва танҳо) мондани духтур бо ҳамшираи шафқат дар ҳуҷраи муоина

**савол**

Ман дар ҳуҷраи муоина духтур ҳастам ва дар ҳамон ҳуҷра як ҳамшираи шафқат бо ман ҳамроҳӣ мекунад. То омадани бемор мо дар бораи чизҳои гуногун сӯҳбат мекунем. Назари Шариат дар ин бора чист?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҷоиз нест, ки бародари шафқат ё духтур бо ҳамшираи шафқат ё духтурзан дар ҳуҷраи муоина ё дар ҷои дигар хилват (ва танҳо) бимонад. Зеро ин амал инсонро ба фитна гирифтор мекунад, ба ҷуз касе, ки Аллоҳ ӯро раҳм кардааст. Мардон бояд танҳо аз ҷониби мардон ва занон танҳо аз ҷониби занон муоина шаванд.